Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017
назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44.
boboev.komil@list.ru

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи: «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Муқаррароти асосии назариявӣ, усулҳои методӣ, пешниҳодҳо, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, метавонанд ҳангоми коркарди стратегияи рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, ки дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва энергетикӣ нақши калидӣ дорад, истифода шаванд. Муқаррароти асосии консепсияи азнавсозии сохтори идоракунии соҳаҳои гидроэнергетикаи миллӣ, таъмини устувории молиявии он метавонанд ҳангоми интихоби самтҳои азнавсохторбандӣ, пасткунии қарзҳои дебиторӣ, мукаммалгардонии сиёсати тарофавӣ ва баландбардории истиқлолияти инвеститсионии ширкатҳои миллии гидроэнергетикӣ истифода шаванд. Мавқеи асосиро амсилаи ташаккули портфели сармоягузорӣ, ки нақши муҳимро дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ташкил дода, самтҳои стратегии баландбардории самаранокии гидроэнергетикӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатии онро муайян менамояд, ишғол менамояд. Дар умум, муҳимияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснок кардашуда аз рӯи ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика ҷиҳати таъмини амнияти гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёти энергетика муайян карда шудааст.

Дар (саҳ.14 автореферат) муаллиф сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи гидронергетика ва низоми идоракунии он бояд ба маҷмуи тадбирҳои зерин оид ба татбиқи стратегияи гидроэнергетикӣ такя намояд: ба нақшаи амали Ҳукумати Ҷумҳурӣ ворид намудани самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар барои давраи дахлдор ва чораҳои зарурӣ, ки иҷрои стратегияи энергетикиро таъмин мекунанд; таҳияи барномаи "Иқтисоди самараноки энергия" барои давраҳои дарозмуддат; таъсиси маркази иттилоотӣ ва таҳлилӣ, ки асоси мониторинги стратегияи лоиҳаҳои сармоягузории гидроэнергетикӣ ва воситаи асосии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, илман асоснок карда шудааст.

Аз таҳлилҳо диссертант бармеояд, ки иншоотҳои гидро-электроэнергетикии мамлакат асосан дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд ва дар солҳои 2016-2020 аз 24 лоиҳаи сармоягузорӣ дар вилоят аз 252 ҳазор сомонӣ шуруъ гардида, то 17,5 млн. сомонӣ баробар мебошад. Диссертант исбот намудааст, барои сармоягузорӣ муҳлати бозгашти сармоя муҳим

мебошад, мухлати дисконтии бозгашти лоиҳаҳои сармоягузории чандин лоиҳа, аз он ҷумла сармоягузорӣ барои сохтмони НБО бо иқтидори 1360 кВА дар маҷрои дарёи Вахш дар ҳудуди ноҳияи Ҷиликӯлро, ки дар ҳаҷми 12540 ҳазор сомони пешбинӣ шудааст, ҳисоб карда шудааст. Ҳисобҳои (ҷадвали 4, саҳ.19) нишон медиҳад, ки Ширкати саҳомии кушодаи холидингии "Барқи Тоҷик" соли 2021 даромад аз фуруши нерӯи барқ 3277983 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 2,1 маротиба зиёд мебошад. Арзиши аслии фурӯши нерӯи барқ бошад 2,7 маротиба зиёд шудааст, яъне сурати афзоиши хароҷот аз ҳаҷми фурӯш баланд мебошад. Дар натиҷа меъёри даромаднокӣ дар ин давраи таҳлилӣ аз 52,8 то 39,4% ва ё 13,4 банди фоиз поён фаромадааст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Дар автореферат идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба низоми гидроэнергетика ҳамчун самти афзалиятнок пешниҳод карда шудааст. Хубу беҳтар мешуд, агар як алгоритми муайяни рушди гидроэнергетикаро ба таври мукаммал бо нишон додани ҷузъиётҳои ташаккули он (дар шакли нақша) пешниҳод менамуд, то ин ки сохторҳои марбута дар сатҳи маҳал ва давлат аз он истифода мебурданд.

Дар маҷмӯъ камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Бинобар ин, қайд намудан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи: «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқ ва ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.04. мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Қудратов Р.Р.

Имзои Қудратов Р.Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У. А.